# Тартиби пур кардани ҳисоботи 41 роҳ

Ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ (корхонаҳои нақлиёти автомобилии истифодаи умум), ки барои ҳамлу нақли мусофирон ва борҳо литсензия доранд, ба Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод менамоянд.

**Нақлиёти истифодаи умум** нақлиётест, ки талаботи ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолиро дар боркашонӣ ва мусофирбарӣ қонеъ мегардонад, намудҳои гуногуни маҳсулотро байни истеҳсолкунандаҳо ва истеъмолкунандаҳо мекашонад, ба ҳамаи аҳолӣ хизмати дастраси умум мерасонад.

**Шумораи мусофирони кашонидашуда -** ҳамчун ҷамъи мусофироне, ки дар давраи ҳисобот бо нақлиёти автомобилӣ кашонда шудааст, ҳисоб карда мешавад.

**Миқдори бори кашондашуда** - ҳамчун ҷамъи борҳо ( маҳсулотҳои кишоварзӣ, сохтмонӣ, нафтӣ ва дигар намудҳо) дар давраи ҳисобот бо нақлиёти автомобилӣ кашонда шудааст, ҳисоб карда мешавад.

**Боргардиш** ба ҳисоби тонна-километр гардиши борро тавсиф мекунад ва аз рӯи маҷмӯи вазни ҳар гурӯҳи бор бо тонна муайян карда мешавад, ки ба масофаи таърифии ҳамлу нақл ба ҳисоби километр кашонда шудааст муайян карда мешавад.

**Мусофиркашонӣ** аз рӯи маҷмӯи ҳамаи мусофироне ҳисоб карда мешавад, ки бо воситаҳои нақлиёт чӣ дар дохили мамлакат ва чӣ дар роҳҳои байналхалқӣ, сарфи назар аз он, ки дар мавриди пардохти ҳаққи мусофиркашонӣ, аз он ҷумла мусофироне, ки бепул, инчунин бо чиптаи бепул ҳуқуқи рафтуомад карданро доранд ва кадом таърифа татбиқ мегардад, кашонда мешаванд.